# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, професор Шарифов З.Р. (раиси комисия), доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Собирзода Н.М. (аъзо) ва номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Ғаниев У.Ф., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 08.02. 2025, суратмаҷлиси № 101 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - баҳисобгири муҳосибӣ ва аудит пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровардаанд:

1. **Муҳиммияти мавзуи таҳиқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ”, муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методии равандҳои асосии баҳисобгирии идоракуниро дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ дар бар мегирад.

Дар замони муосир, иттилоот дар идоракунии фаъолияти молиявию хоҷагидории корхнаҳо нақши муҳим дорад. Дар чунин шароит роҳбарияти зинаҳои гуногуни идоракунии корхонаҳои фарматсевтиро лозим меояд, ки идоракунии ниҳоят самаранокро дар корхона таъмин намоянд. Сари вақт иттилооти муҳосибии босифат, дуруст коркардшуда ва такмилёфтаро оид ба фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона, ки барои қабули қарорҳои идоракунии фоидаовар мусоидат менамояд, дастрас карда тавонанд. Бинобар ин, дар ширкатҳои фармасевтӣ татбиқи низоми мукаммали баҳисобгирии муҳисибии идоракунӣ бо равишу усулҳои барои рушди фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона мусоидаткунанда ҳатман зарур аст. Аз ин рӯ, масъалаи ташкили дуруст ва ба таври муносиб пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва омоданамоии иттилоти зарурӣ мушкилоти асосии корхонаҳои фарматсевтӣ мебошад.

Дар амалияи баҳисобгирии идоракунии дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ ҳисобҳои махсус барои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсоли доруворӣ ва ҳисоб кардани арзиши аслии маснуот, яъне ҳисобҳои баҳисобгирии идоракунӣ бурда намешаванд ва онҳо дар нақшаи амалкунандаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ низ пешбинӣ нашудаанд.

Ислоҳоти куллии соҳаи фарматсевтӣ ва дорусозӣ, ташкили оқилонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва баланд бардоштани саҳми онро дар идоракунии истеҳсолоти саноати дар фарматсевтӣ пешбинӣ менамояд. Рушди бобарори соҳаи фарматсевтӣ дар шароити имрӯза қатъиян беҳтар намудани сифати идоракунии корхонаҳои саноати фарматсевтиро тақозо мекунад.

Ташкили дурусти низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар корхона яке аз шартҳои асосии аз ҷониби менеҷерон қабул намудани қарорҳои идоракунии муносиб ва самаранок мебошад. Вобаста ба ин, зарурати таҳия намудании асосҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташкил ва пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои фарматсевтӣ ба миён омадааст, ки мубрамии мавзуи таҳқиқотро муайян мекунад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи милии Тоҷикистон иҷро гадрдида, дар кафедраи мазкур муҳокима ва ба зинаи минбаъда тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 – и Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Дар шароити иҷрои ҳадафи чоруми стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди гузариш ба иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ ва баланд бардоштани самаранокӣ, фаъолнокӣ ва натиҷабардории фаъолияти корхонаҳои соҳаҳои саноат, аз ҷумла дар корхонаҳои саноати фарматсевтӣ ташкил намудани низоми муносиби баҳисобгирии муҳосибӣ дар асоси чаҳорчубаи расидан ба мақсадҳои рушди устувор талаб мекунад.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 – юми декабри соли 2021, тахти №349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақола дар ҳаҷми муаллифии 6,4 ҷ.ч. (аз он ҷумла сахми муаллиф 5,4 ҷ.ч), аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

6. Дар диссертатсияи Болтуева Р.К. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

7. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Болтуева Р. К. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопнагардида мавҷуд нест. Асолати матни автореферати диссертатсия 86,32 % ва диссертатсия 83,69 % аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият дароварда шуданд.

8. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Болтуева Рухсора Камоловна дар мавзуи “Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар ширкатҳои тиҷоратии фарматсевтӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба шурои диссертасионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

- Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Дадоматов Далер Нишонбоевич** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;
- **Мирзоалиев Абдумалик Абдунабиевич**- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
- Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

2. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Шарифов З.Р.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Собирзода Н.М.**

номзади илмҳои иқтисодӣ,
муаллими калони кафедраи
таҳлили иқтисодӣ ва аудити
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Ғаниев У.Ф.**

01. 03.2025